# Овози тоҷик

آواز تاجيك

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

4 сентябри соли 2002. Чоршанбе № 68 (12810)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 17.30 имзо гардид.


## Муборакбодии Президент Ислом Каримов

### дар маросими тантанавӣ бахшида ба 11-солагии истиқлолияти Ӯзбекистон

Ҳамватанони азиз!
Меҳмонони мӯҳтарам!
Хонумон ва ҷанобон!

Имрӯз дар мамлакати мо иди калон, тантанаҳои бузургест.

Расо ёздаҳ сол муқаддам, мо аз сохти кӯҳнаи умраш ба охиррасида даст кашида, роҳи истиқлол, озодонаи тараққиётро пеш гирифта, ба бунёди ҳаёти нав, ҷамъияти нав шурӯъ кардем, ки асосашро усулиятҳои демократӣ, иқтисоди бозоргонӣ ташкил медоду аз ҷиҳати дараҷа аз мамлакатҳои мутараққӣ монданӣ надошт.

Иҷозат фармоед ҳамаи шумоён, тамоми халқамонро бо ин санаи бузургу аз ҳама фархунда аз самими қалб муборакбод намоям.

Албатта, ёздаҳ сол нисбати таърихи бою қадимаи бисёрасринаамон як лаҳза, як дақиқа мебошад.

Вале худи ҳаёт имрӯз тасдиқ мекунад, ки ёздаҳ сол муқаддам дар давраи гардиши куллии таърихи Ватанамон, дар рӯзҳои аз ҳама душвору аз ҳама ташвишовар мо роҳи ягонаи дурустро интихоб кардем.

Ман ба он мӯътақид ҳастам: асрҳо, айёмҳо мегузаранду авлоди наврас ба камол мерасад, вале бешак, ин рӯз, ки орзуву омоли чандинасринаи халқамонро ҷомаи амал пӯшонд, имкониятҳо ва дурнамоиҳои бемаҳдудро ба тараққиётамон боз намуд, ҳамеша дар таърихи мамлакатамон ҳамчун санаи бузург боқӣ мемонад.

Озодиро ба даст оварда, хӯҷаини тақдири хеш гардида, мо дар ин фурсати кӯтоҳи таърихӣ, ки ҳар соли он аз рӯи мазмуну мундариҷа ва моҳият ба даҳсолаҳо, гуфтан ҷоиз бошад, ба садсолаҳо баробар аст, баробари роҳи фархунда он ғайриоддӣ, мураккаб гузашт.

Тасдиқи онро мо пеш аз ҳама дар сулҳу салоҳ ва мӯътадилие, ки дар мамлакатамон ҳукмрон аст, дар симои шаҳрҳо ва деҳаҳоямон, ки ҳар рӯз зебову обод мегарданд, дар корхонаҳо ва иншоотҳои замонавӣ, дар литсеву коллеҷҳои нав мебинем.

Ҳамаи онро мо дар тағйир ёфтани ҷаҳонбинӣ, шуур ва тафаккури одамон, дар ҷамъият таҳким ёфтани рӯҳи ҳамдигарфаҳмӣ ва ризоият, ҳисси дилпурӣ ба рӯзи оянда, рӯшан зоҳир гардидани ғайрати бунёдкорӣ мебинем.

Тасдиқи онро мо дар васеъ эътироф гардидани қатъияти мо дар муборизаи мамлакатамон ва халқамон ба муқобили терроризми байналхалқӣ, афзудани обрӯву эътибори Ӯзбекистон мушоҳида мекунем, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ овози мустақилонаро соҳиб аст.

Бешак, 11 сол муқаддам мо ҳатто тасаввур карда наметавонистем, ки дар таърихи мо чунин тағйироти оламшумул рух медиҳад, Ӯзбекистон ва халқи он ба чунин дараҷаи баланд дар доираи байналхалқӣ мерасад.

Ҳамватанони азиз!

Якҷоя бо тамоми дунё мо ба садаи бистуякум қадам партофтем.

Асри нав ин садаи иттилоотест, технологияи воло ва донишҳои замонавӣ мебошад, ки дар назди мо уфуқҳои навро мекушояд.

Баробари ин набояд аз он чашм пӯшид, ки хавфу хатарҳое ҳастанд, ки дар садаи босуръат пешрафтаистода дар атрофи мо ва дар арсаи ҷаҳонӣ сар мезананд.

Чунин вазъият аз ҳамаи мо ҳушёрӣ ва дурбинӣ, гузоштани қадами дурустро дар айёми тез тағйирёбанда талаб мекунад.

Азбаски мо аз сафи давлатҳои мутараққӣ ҷои муносибро ишғол намуданием, ба вуҷуд овардани ҳаёти озоду фаровонро мақсад пеш мегузоштаем, ҳосил шудани ин мақсадҳо пеш аз ҳама ба худи мо, ташаббускориву тадбиргарии мо, аз ҳамин вобастагӣ дорад, ки бо ҳисси масъулият қарзи худро дар назди Ватан ва халқ ба ҷо оварем.

Дӯстони азиз, ман шумоёнро даъват мекунам, ки ба чунин масъулияти баланд сазовор бошед, қувваи худро дареғ надошта, тамоми ҳастии худро ба иҷрои ин мақсадҳо бахшед.

Бори дигар ҳар кадоми шумоёнро бо 11-солагии истиқлолияти мамлакат аз самими қалб муборакбод менамоям.

Ҳамватанони азиз, ҳамаатонро фикран ба оғӯш гирифта, ба шумоён тандурустӣ, комёбиҳо ва хушбахтӣ, ба оилаатон бахту саодат, ризоият ва фаровониро таманно дорам.

Бигузор асрҳои аср озодӣ ва истиқлолияти мо абадӣ бошад!

## Васфи Ватани ободу озод

Истиқлол тақдири ватанамон, халқи меҳнатдӯсти Ӯзбекистонро ба куллӣ тағйир дод, озодӣ ва ободии солҳои сол мунтазиршудаашро инъом кард, қудрати бунёдкории онро баланд бардошт. Ва мо тасдиқи онро дар симои кунунии навшудаи деҳоту шаҳрҳоямон, тамоми Ватанамон, мӯътадил рушд ёфтани иқтисодиёт, дар мамлакатамон ҳукмфармоӣ кардани сулҳу осоиш ва мӯътадилӣ, ризоияти байнимиллӣ ва торафт баланд рафтани сатҳи зиндагонии мардуме мебинем, ки дар ин сарзамини муқаддас ҳаёт ба сар мебаранд.

Ва баробари қадам партофтан ба майдони Мустақиллики Тошканд низ шаҳомати бунёдкорӣ ва рӯҳӣ баланди худро дарк кардан душвор набуд. Ҳама якдигарро бо иди аз ҳама бузургу аз ҳама азиз аз самими дил муборакбод намуда, пеш аз ҳама хонаободӣ, хотирҷамъиро таманно мекарданд. Аз чеҳраи хандон, лабони сертабассуми онҳо пай бурдан душвор набуд, ки онҳо ҳаёти фаровону зиндагонии хушбахтонаро аз сар мегузаронанд.

Онҳо дар майдоне қадам мепартоянд, ки қалби Ватанамон ба ҳисоб меравад. Майдони идона орододашуда, чароғҳои мухталифранг ба дили ҳар кадом шодиву сурурро ҷойгир месозад.

Ҳар замон тарҳи барқӣ намудор гардида, ҳозиронро аз дастовардҳои ҷумҳурият дар бадали ёздаҳ соли тараққиёти мустақилона бори дигар бохабар месозад. Онҳо ба хотири кас торихро оварда аз рӯзгори имрӯзаи Ватани паҳноямон, халқи меҳнаткарини он дарак медоданд.

Ёздаҳ сол барои таърих мӯҳлати яклаҳзаина аст. Вале Ӯзбекистон дар тӯли ёздаҳ соли тараққиёти худ роҳеро тай намуд, ки онро тасаввур кардан душвор аст. Масалан, дар бадали панҷ сол сохта, ба истифода супурдани заводи муқтадири автомобилсозӣ, дар ин муддат ба даст омадани мустақилияти нафту сӯзишворӣ ва ғалла на ба ҳар давлат муяссар мегардад. Ӯзбекистон бошад, дар фурсати кутоҳи таърихӣ чунин комёбиҳои бемислеро ба даст овард ва барои мустаҳкам кардани комёбиҳо халқи сермиллати он пайваста мекӯшад.

Алҳол ҷоиз аст дар ин рӯзи таърихӣ мо барҳақ бо фахру ғурур дар бораи корҳои бузурге, ки дар фурсати ниҳоят кӯтоҳ дар роҳи навсозии ҳаёт, ба вуҷуд овардани асосҳои давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти шаҳрвандӣ, гузаронидани иқтисодиёт ба муносибатҳои бозоргонӣ, ободонии мамлакат ва ҳосил шудани обрӯву эътибор дар арсаи байналхалқӣ ба иҷро расондем, ҳарф занем. Тасдиқи онро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаётамон, дар қалби одамон ҷойгир шудани чунин сифатҳои беҳтарини инсонгарӣ, аз қабили муҳаббат ва шафқат, накӯкорӣ ва саховатпешагӣ, пайваста мустаҳкам гардидани дилпурии ҳамватанон ба рӯзи оянда мебинем. Онро аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷои муносиби худро пайдо кардани Ӯзбекистон дарк мекунем. Инро ба мамлакатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ аз ҳама муқтадири ҷаҳон-ИМА ва Ҷопон шарики стратегӣ гардидани Ӯзбекистон бори дигар тасдиқ мекунад. Дар арафаи иди аз ҳама бузургу аз ҳама азиз дар саросари ҷумҳурият дари худро боз намудани корхонаҳои сершумор, муассисаҳои таъиноти таълимиву тиббӣ, фарҳангӣ ва ғайра тасдиқ мекунад. Масалан, ба истифода супурда шудани роҳи оҳани Навоӣ—Нукус ва дар он ҳаракат кардани аввалин поезди мусофиркашон, аз конвейери корхонаи муштараки ӯзбекистониву куриёиҷанубии «УзДЭУ-Автс» баромадани «Нексия»-и навсохт, биноҳои коллеҷҳои касбу ҳунар, литсейҳои академӣ, пунктҳои духтурии деҳот, муассисаҳои фарҳанг ва ғайра саҳифаҳои дурахшони таърихи Ӯзбекистони мустақилро дар ёздаҳумин солгарди истиқлолияти он ташкил медиҳад. Аз ҳама муҳимаш, халқамон аз эътиқоди худ рӯ нагардондааст ва аз ин акнун ҳеҷ кас ва ҳеҷ гоҳ моро аз роҳи интихобкардаамон баргардонда наметавонад.

Чунки мо дар роҳи нек қадам мепартоем, мақсади ниҳоиамон ба даст овардани ҳаёти озод, мустақил ва фаровон мебошад.

Майдон серодам аст. Ҳамагон оғози тантанаҳоро бесаброна мунтазиранд. Иде, ки аз ҳама бузургу аз ҳама азиз дониста шудааст онро мо Рӯзи истиқлол ном мебарем, дилҳоямонро аз шодиву сурур, шукронаву орзуву умедҳо саршор карда, ба ҳар як хонадон сар халонда, ба майдон ворид гардидааст. Одамон неъмати аз ҳама бузург будани истиқлолро ҳис кардаанд, дарк намудаанд, ки чун гавҳараки чашм эҳтиёт кардани он қарзи шаҳрвандии ҳар кадомамон аст. Чунки шароит ҳам инро тақозо дорад. Мо дар арсаи байналхалқӣ баробари дӯстон ҳамчунин ғаразбинҳоро ҳам мушоҳида мекунем, ки мехоҳанд чархи таърихро пас баргардонанд.

31 август. Соати 19.30. Майдони Мустақиллик ба бар либоси идонаро гирифтааст. Аъзоёни ҳукумати ҷумҳурият, вакилони халқи Олий Маҷлис, намояндагони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, вакилони ҷамоаҳои меҳнатӣ, сарварони вазорату идораҳои ҷумҳурият, намояндагони корпуси дипломатӣ ва ташкилотҳои байналхалқие, ки дар ҷумҳурият номнавис гардидаанд, оғози тантанаҳоро бесаброна мунтазиранд.

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба майдон ворид мегардад ва ӯро ҳозирон аз ҷо бархеста бо чапакзании бардавом пешвоз мегиранд.

Садои маҳини мусиқӣ шунида мешавад ва аз оғоз ёфтани тантанаҳо дарак медиҳад.

Сухан ба Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов дода мешавад. Ҳозирин сарвари давлатамонро аз ҷо бархеста бо чапакзании бардавом пешвоз мегиранд.

Президенти Ӯзбекистон сараввал тамоми аҳли кишвар, меҳмонони сершуморро ба иди аз ҳама бузургу аз ҳама азиз аз самими қалб муборакбод намуд.

Сарвари давлатамон дар нутқи худ ба роҳи ба худ хоси паймудаи тараққиёти Ӯзбекистон дар бадали ёздаҳ сол баҳо дода, дар арсаи байналхалқӣ мақоми махсус пайдо кардани Ӯзбекистонро алоҳида зикр намуд. Аз хусуси вазифаҳои умдаи пешистода фикру мулоҳизаҳои хешро баён намуд.

Суруди миллии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон садо медиҳад. Ҳама аз ҷо бархестанд.

Баъд дар саҳнаи азим намоишномаи театрикунондашуда ба ҳукми тамошогарон пешкаш карда мешавад, ки аз шаш қисм иборат буд. Қисми аввал «Дунё аз нигоҳи бачагон» ном дошт ва дар он бачагоне, ки дар солҳои истиқлол ба дунё омадаанд, ҳунари волои худро намоиш доданд. Наврасон рақсу сурудҳои ҷаззобро ба ҳукми тамошогарон пешкаш намуданд. Ва он бесабаб нест. Аз нисф бештар аҳолии Ӯзбекистонро бачагону наврасон ташкил медиҳанд ва ин авлоди баркамолояндаи дурахшони мамлакатамон мебошад.

Ва қисми дуюми намоишнома ҳам «Авлоди баркамол—ояндаи дурахшон» ном гирифта, дар он асосан авлоди баркамол аз рӯи намудҳои мухталифи варзиш ҳунари худро намоиш доданд. Иштирокдорон ҳамагон дар мусобиқаҳои варзишии «Умид ниҳоллари», «Баркамол авлод», «Универсиада» иштирок намудаанд. Онҳо фарзандони Президент, дилбандони истиқлол мебошанд.

Саҳна ба ихтиёри дастаҳои ҳунарии ҳарбиён ва овозхонон дода мешаваду бо ҳамин қисми сеюми барнома таҳти унвони «Ватан чун саҷдагоҳ муқаддас аст», оғоз меёбад. Дар он сурудҳо дар ҳаққи Ватан, модар, ватандӯстӣ, мавзӯи ҳарбиву меҳандӯстӣ садо доданд, рақсҳои мухталиф ба иҷро расиданд. Аз ҳунарнамоиҳо маълум гардид, ки ҳарбиёни мо дар бобати ҳифзи хоки Ватан, дахлнопазирии сарҳадҳоямон, таъмини сулҳу осоиши мардум корҳои зиёдеро мекунанд ва барои иҷрои супориши Ватан мудом тайёр ҳастанд.

Барномаи «Гулдастаи вилоятҳо» чун анъана аз иҷрои суруди классикӣ оғоз ёфта, ба саҳна намояндагони Қашқадарё баромаданд. Он бесабаб нест. Имсол дар саросари дунё ҷашни 2700-солагии Шаҳрисабз қайд карда мешавад. Баъд пайдарҳам намояндагони дигар вилоятҳо ҳунари худро намоиш доданд. Рақсу сурудҳо, аския саросари майдонро фаро гирифт ва аз ҳамин гувоҳӣ медод, ки халқи мамлакатамон ҳақиқатан бомаҳорату санъатдӯст аст. Барномаҳо аз ҳамдигар ба махсусияти худ ба куллӣ фарқ мекунанд.

Гулдастаи вилоятҳо ба ҳунарнамоии намояндагони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ба анҷом расид ва он низ маънии рамзиро дошт. Чунки имсол ҷашни 70-солагии шаҳри Нукус мутантан қайд карда мешавад.

Саҳна ба ихтиёри скрипканавозон, ҳунарварони соҳаи балет, опера дода мешавад. Аксари онҳо ҷавононанд ва соҳибистеъдоданд. Бисёрашон дар озмунҳои байналхалқӣ ғолиб баромада, номи Ӯзбекистонро дар саросари дунё машҳур сохтаанд ва аз ин рӯ ин қисми барнома ба худ унвони «Ба ин санъат ҳамоҳанг- ҷаҳон» гирифта буд.

Ниҳоят ҳунарнамоии устодони санъати эстрада ва ҳунарварони ҷавони соҳаи мазкур сар шуд ва он ба худ унвони «Осмони пур аз ситораҳо»-ро гирифта буд.

Оре, ситораҳои санъати эстрадаи миллии мо сол то сол меафзоянд. Ҳунари волои онҳо муносиб тақдир карда мешаваду он ба онҳо илҳому ғайрати нав мебахшад, барои эҷод кардани асарҳои нав ба нав ҳидоят месозаду осмон пур аз ситораҳо мегардад...

Тантанаҳои идонае, ки аз барномаҳои мухталиф иборат буд, ба ҳозирин таассуроти амиқе боқӣ гузошт.

Тантанаи идонае, ки ба дилҳо шодиву сурур бахшид, дар он Ватан—модар, кишвари паҳно, одамони меҳнаткарини он васф карда шуданд, бо мушакпарронии рангоранг хотима ёфт.Бояд тазаккур дод, ки он тавассути радифи маснӯи замин ба бисёр мамлакатҳои ҷаҳон намоиш дода шуд. Аз тариқи шабакаи «Интернет» қариб ҳаштод фоизи ҳудуди сайёра аз тантанаҳои мазкур, аз шодиву сурури ӯзбекистониён ва меҳмонони сершумори он бархурдор гардиданд.

**Э. ТУРДИҚУЛОВ.**

## Муассисаи нави табобатӣ

Дар вилояти Бухоро низ дар арафаи солгарди ёздаҳумини истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон бисёр иншоотҳои нав ба нави таъиноти мухталиф ба истифода супурда шуданд. Минҷумла, дар деҳаи Тезгузари ноҳияи Шофиркон пункти нави духтурии деҳот дари худро боз намуд.

Ба сохтмони муассисаи мазкури табобатӣ беш аз 30 миллион сӯм маблағ харҷ гардид. Сохтмонро мувофиқи фармоиши маъмурияти ҳавзаи Арал бинокорони ташкилоти бинокории «Агротаъмирқурилиш» сохтанд.

—Акнун дар пункти духтурии деҳоти мо аз хизмати терапевт, акушер-доя, духтури бачагон, духтури дандон барин мутахассисон аҳолӣ баҳра мебардорад,—гуфт сарвари пункти духтурии деҳоти Тезгузар Т.Ҷӯраев.—Мо ба азназаргузаронии тиббии сокинони деҳаҳои Тезгузар, Курама, Балоқар, Ҷилвон ва Ҳаволиқи хоҷагии ширкатии ба номи Иброҳим Мӯъминов шурӯъ кардем.

Миқдори чунин муассисаҳои табобатии замонавӣ баробари ноҳияи Шофиркон дар саросари вилояти Бухоро меафзоянд ва боиси расондани хизмати хуби тиббӣ ба аҳолӣ ва пешгирӣ кардани маризиҳои гузаранда мегарданд.

**(Мухбири худамон).**

## Супурдани эътиборнома

Сафири Фавқуллода ва Мухтори Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар Ҷумҳурияти Латвия Қобилҷон Назаров дар Рига эътибономаи худро ба Президенти Латвия Вайро Вике—Фрейберг супурд.

Дар рафти сӯҳбат, ки баъди супурдани эътиборнома ба амал омад, масъалаҳои вазъ ва пешомадҳои рушди муносибатҳо байни Ӯзбекистон ва Латвия дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ ва фарҳангӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Зарурати минбаъда амиқ гардондани ҳамкории дуҷониба байни мамлакатҳоямон дар соҳаҳои мухталиф зикр ёфт.

**ОИ «Ҷаҳон».**

## Муборакбодиҳои самимона

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон.**

Мӯҳтарам ҷаноби Президент,

аз номи халқи Амрико иҷозат фармоед Шумо ва халқи Ӯзбекистонро дар мавриди ёздаҳсолагии истиқлолияти ватанатон муборакбод намоям, ки 1 сентябр таҷлил меёбад.

Соли ҷорӣ дар хотир ҳамчун марҳилаи фархунда дар муносибатҳои амрикоиву ӯзбекистонӣ боқӣ мемонад. Мо аз Ҳукумати Шумо барои ҳиссаи сазоворонаашон дар мубориза ба муқобили терроризм амиқан миннатдор ҳастем ва саъю кӯшиши Шуморо дар бобати амалӣ гардондани ислоҳоти иқтисодӣ ва сиёсӣ воло арзёбӣ мекунем. Дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати Шумо дар кори қарор ёфтани Ӯзбекистони шукуфону мӯътадил, ки дар тамоми минтақа нақши мусбиро мебозад, садоқатманд мемонем.

Дар ин бобат мӯътақид ҳастам, ки муносибатҳои байни Ӯзбекистон ва Иёлоти Муттаҳид дар соли оянда ҳам инкишофу таҳким меёбад.

**Бо камоли эҳтиром Ҷорҷ Буш,**
**Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико.**

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**

Дар мавриди қайдкунии Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба Шумо Аълоҳазрат ирсол кардани муборакбодиҳои самимона ва дархостҳои гарму ҷӯшон оиди некхоҳӣ ба Шумо ва шукуфонӣ ба халқи мамлакататон бароям қаноатмандии бузург мебахшад.

**Акихито,**
**Императори Ҷопон.**

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**

Ҷаноби Президент,

Шуморо бо Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон муборакбод менамоям.

Дар солҳои гузашта минбаъда таҳким бахшидани муносибатҳои мутақобила байни Ӯзбекистон ва Олмон, аз он ҷумла, ба туфайли мулоқотҳои сершумори байни сиёсатмадорони ӯзбекистониву олмонӣ ба назар бархӯрд. Олмон Ӯзбекистонро шарики муҳим ва кафолатгари мӯътадилӣ дар Осиёи Марказӣ меҳисобад. Мамлакати Шумо ба сафи муоҳидаи зиддитеррористӣ ҳамроҳ гардид ва саъю кӯшиши Олмонро оид ба қарор ёфтани сулҳу салоҳ дар Афғонистон фаъолона ҷонибдорӣ кард.

Демократия,ҳуқуқҳои инсон ва волоият доштани қонун—таҳкурсии ҷудонопазири мӯътадилии ҳақиқӣ мебошад. Боварӣ дорам, ки мо ба ин мақсадҳо тавассути муколама мерасем.

Ба Шумо дар бобати ба рӯи об баровардани сиёсат оиди фаровонии сокинони мамлакататон комёбиҳо таманно дорам.

**Иоханес Рауи Шумо,**
**Президенти Ҷумҳурияти**
**Федеративии Олмон.**

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**

Ба муносибати ворид шудани иди миллиатон— Рӯзи эълон гардидани истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз номи Ҳукумати Чин ва халқи Чин, ҳамчунин шахсан аз номи худ ба Шумо, Аълоҳазрат ва дар симои Шумо ба тамоми халқи ӯзбек муборакбодиҳои самимона ва дархостҳои гарму ҷӯшонро ирсол мекунам.

Солҳои охир таҳти сарпарастии Шумо, Аълоҳазрат, мамлакататон ба комёбиҳои калон дар тамоми соҳаҳои сохтмони мамлакат муваффақ гардид, ки онҳо ба худ диққату эътиборро ҷалб месозанд ва дар арсаи байналхалқӣ нақши торафт муҳимро мебозанд. Мо аз он аз таҳти дил мамнун ҳастем.

Моҳи июли соли ҷорӣ гуфтушунидҳои хубро дар Санкт-Петербург гузарондем. Ман пеш аз ҳама, ба Шумо Аълоҳазрат, ба сафарбар кардани саъю кӯшиши зиёд дар бобати таҳким бахшидани муносибатҳои байни Чин ва Ӯзбекистон, нигоҳ доштани сулҳу осоиш, мӯътадилӣ ва пешрафт дар минтақа тайёр ҳастам.

Ба мамлакати Шумо шукуфонӣ ва рушди нерӯ, ҳамчунин хушбахтиро ба халқатон таманно дорам.

Ба Шумо, Аълоҳазрат, тани сиҳҳати мустаҳкам ва бурдбориҳоро дар фаъолиятатон таманно дорам.

**Цзян Цзэмин,**
**Раиси Ҷумҳурияти Мардумии Чин.**

## Қарори Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

### Дар бораи Раиси Суди Конститутсионии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон **қарор мекунад:**

1. **Мустафоев Бӯритош** Раиси Суди Конститутсионии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон интихоб карда шавад.
2. Аз вазифаи Раиси Суди Конститутсионии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон **Б.О.Эшонов** мувофиқи аризааш озод карда шавад.

**Раиси Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**
**Э.ХАЛИЛОВ.**

шаҳри Тошканд, 30 августи соли 2002.

## Дарахт бе реша, ҳаёт бидуни хотира буда наметавонад

Ба зиммаи авлоди нави Ӯзбекистон вазифаи бузурги бунёдкорӣ гузошта шудааст. Маҳз имрӯзҳо барои мо саҳифаҳои нав ба нави арзишҳои бузурге боз мегарданд, ки аз рӯи рӯҳияту мақсад ба оне наздиканд, ки бисёр зиёиёни Ӯзбекистон ҳаёти хешро қурбон кардаанд. Онҳо ба он мақсад ин корро карда буданд, то ки Ӯзбекистон ҳуқуқи амал кардан ба қонунҳо ва анъаноти миллиро ба даст оварад, баробари дигар мамлакатҳо ба сӯиояндаи дурахшону бузурги худ баробар қадам партояд. Ва ин мақсаду мароми неки онҳо, яъне ҳазорон равшанфикрон, истиқлолхоҳон ба низоми тоталитарӣ хавфи калон дошт ва аз ҳамин сабаб лозим гардид, ки саросар ҳамаашон ҷисман маҳв карда шаванд.

Фоҷиае, ки ба сари намояндагони беҳтарини миллат, яъне фарзандони садоқатманди Ватан омада буд, фоҷиаи даҳшатовар гардид. Дар маъракаи «кулакгардонӣ» беш аз 60 ҳазор нафар ҳамватанонамон ба Украина, Қафқози Шимолӣ, Сибири дурдаст бадарға карда шуданд. Аз рӯзҳои аввали арзи ҳастии «империяи сурх» то охири солҳои 40-уми асри гузашта ба 450 ҳазор нафар ӯзбекистониён парвандаи ҷиноӣ кушода, ба маҳбасхонаҳо партофта шуданд. Бисёр ҳамватанонамонро бе суд паррониданд. Аксари онҳо бе кафан ба хок супурда шуданд. Дар айни замон ба сарзамини мо миллати корейс ҳам аз ватани бобоиашон маҳрум карда, қатағон карда шуданд. Салтанати шӯро «кори пахта» ном маъракаи сохтаро ихтироъ намуда, 25 ҳазор нафар ӯзбекистониён—соҳибони касбу кори мухталифро ҳабс карда, 4,5 ҳазор нафарашонро ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида, ба ҳабсхонаҳо партофт. Баъзеи онҳо ба азобу уқубат тоқат накарда, ҷонро нисор карданд.

Дар солҳои қатағони сталинӣ ва ҷазодиҳиҳои минбаъдаи солҳои 80-ум гули сари сабади миллат маҳв гардид.

Ватан фарзандони вафодори худро фаромӯш накард. Тасдиқи онро аз дар соҳили Бӯзсуви ноҳияи Юнусободи шаҳри Тошканд сохта шудани маҷмӯи ёдгории «Шаҳидлар хотираси» дидан мумкин аст, ки бахшида ба хотираи қурбониёни қатағон бунёд ёфтааст у он моҳи маи соли 2002 кушода шуд. Маҷмӯи мазкур эҳтироми хотираи фарзандони Ӯзбекистон аст, ки ба хотири мақсади бузургу нек ҷони худро нисор кардаанд. Ва маҷмӯъ мудом ба хотир меоварад: набояд фаромӯш кунем, ки истиқлоламон бо чунин маҳрумиятҳо, бар ивази ҳаёти бисёр одамон ба даст омадааст.

Боз як далелро алоҳида зикр кардан лозим меояд. Солҳои истиқлол дар бобати эҳёи арзишҳои миллӣ, эъзози хотираи симоҳои таърихии ноҳақ фаромӯшшуда, мубаддал сохтани қадамҷои азизу авлиёҳо ба зиёратгоҳҳои мӯътабар, алқисса, барои қарор ёфтани адолати таърихӣ корҳои доманадор ба иҷро расонда шуданд. Кушоиши Осорхонаи «Хотираи қурбониёни қатағон» яке аз далелҳо дар бобати ин фаъолияти доманадор мебошад, ки мувофиқи фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 1 маи соли 2001 «Дар бораи муқаррар кардани Рӯзи ёдбуди қурбониёни қатағон» дар бадали ҳашт моҳ қад кашид.

Маросими кушоиши он дар соҳили Бӯзсув шанбеи ҳафтаи гузашта ба амал омад. Ба он сарварони вазорату идораҳои ҷумҳурият, кумитаҳо, аъзоёни ҳукумат, ҳокимони вилоятҳо, Раиси Жокарги Кенгеси Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимони ноҳияҳои шаҳри Тошканд, меҳмонони сершумор аз ҳудудҳои ҷумҳурият, вакилони халқи Олий Маҷлис, намояндагони воситаҳои ахбори оммавии маҳалливу хориҷа даъват шуда буданд.

Ҳама омадани Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистонро бесаброна мунтазир буданд.

Соати 7.00 Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов бо аъзоёни ҳукумату парлумон ворид гардид. Ҳозирин аз ҷо бархеста, сарвари давлатамонро бо чапакзании бардавом пешвоз гирифтанд.

Чун оини мусалмонӣ аз Қуръони Карим ояте қироат гардид ва ба муносибати кушоиши Осорхона ҳокимияти шаҳри Тошканд ош дод.

Баъд ҳозирин барои дидан кардани Осорхона рафтанд. Сарвари давлатамон залҳои осорхонаро муоина карда, фикру мулоҳизаҳои хешро баён сохт.

Аз он ҷумла, сарвари давлатамон зарурати даровардани як қатор тағйиротҳоро ба нигораҳои осорхона баён кард. Президент фикрро дар ин бобат боз такроран ба миён гузошт: забт кардани Осиёи Миёна аз тарафи ҳукумати Русияи подшоҳӣ на дар садаи XYIII, чуноне ки бисёриҳо, аз он ҷумла муаррихон мепиндоранд, балки дар оғози садаи XYII ба амал омада буд. Аз ин рӯ, нигораҳои осорхона мебояд садаи XYII-ро низ дар бар гирад. Дар осорхона бояд на танҳо оқибатҳои қатағон, балки сабабҳои сар задани он низ дар пойгоҳи маводҳо ҳаллу фасл гардида, ба ҳукми умум пешкаш карда шавад. Чунон нигораҳо ҷамъ оварда шаванд, ки ҳақиқати таърихиро дар бар гиранд. Охир, алҳол дар аксар осорхонаҳои мо нигораҳое маҳфузанд, ки ба кас фикрро дар ин бобат мебахшанд, ки мардуми мо гӯё бемаданият будааст у дигарон ба мо маданиятро омӯзондаанд. Дар асл ин тавр нест. Маданияту фарҳанги мо решаҳои қадима дорад, ҳамватанони сершумори мо аз қадим ба дурдонаҳои фарҳанги қадима саҳми калон гузоштаанд.

Сарвари давлатамон баъди дидан кардани осорхона бо як гурӯҳ қатағоншудагон, авлодони онҳо ҳамсӯҳбат шуд. Чӣ гуна аҳамияти калони таърихӣ, сиёсӣ доштани кушоиши осорхонаро тавзеҳ дод. Махсусан зикр намуд, ки вай ба авлоди оянда бояд аз хусуси чӣ гуна рӯзҳоро аз сар гузарондани халқамон, чӣ гуна ба сар бурдани ҳаёти душворро ҳикоя кунад. Ва фикри мазкур мудом аз сар гузарад, ки маҳз ба туфайли истиқлол дар мамлакатамон адолат тантана мекунад, хотираи қурбониёни бегуноҳ эҳё меёбад.

Ин фикрро Нависандаи халқии Ӯзбекистон, Қаҳрамони Ӯзбекистон Саид Аҳмад, ки қатағон шудааст ва дигарон тақвият бахшида, ба сарвари давлатамон барои амалӣ гардондани ин қабил корҳои нек миннатдорӣ баён карданд ва аз Худои Карим ба ӯ тандурустӣ, умри дарозро пурсиданд.

Осорхона дар шафати маҷмӯи ёдгории «Шаҳидлар хотираси» дар соҳили Бӯзсув сохта шудааст ва нигини ангуштаринро мемонад. Манзараи хос, ансамбли бутуни меъмориро ба вуҷуд овардааст ва пеши назари кас Тоҷмаҳали машҳур ҷилвагар мегардад. Манзараи зебо ба биноӣ осорхона ҳамоҳангӣ пайдо кардааст.

Ва ин манзараи зеборо фаввораҳои роҳравҳо, кӯпруки васеву зебо тақвият бахшидааст. Ҳангоми сохтани бино ва ороиш додани он услуб ва шаклҳои анъанавии меъмории Осиёи Марказӣ, аз қабили гумбаз, айвон, равоқ, нақшҳо васеву эҷодкорона истифода гардидаанд.

Деворҳои осорхона аз хишт дар шакли мураббаъ сохта шуда, тарҳаш 20/20 метрро ташкил медиҳад. Бино дорои гумбази бараш 5,8 ва баландиаш 6,2 метр аст. Баландии умумии он 20 метрро ташкил медиҳад. Бо санги рамзии ҳаворанги маҷмӯи ёдгории Хотираи шаҳидон ҳамоҳангӣ пайдо кардааст. Қисми марказии биноӣ осорхона —гирдогирди намоишгоҳ бо айвони чорметра печонда шуда, 28 сутуни кандакорӣ, бо чор зинаи даромад салобати махсус пайдо кардааст. Қисми поёнии бино ӯтоқҳои маъмурӣ, техникӣ ва ғайраро дар бар гирифта, хеле қулайанду ба намоишгоҳ бо зинаҳои махсусу роҳравҳо узван пайваст гаштаанд.

Дар сохтани он кормандони Ҷамъияти саҳҳомии «Ташгипрогор», Сарраёсати меъмории шаҳри Тошканд, устоёни гулдаст аз саросари ҷумҳурият, бинокорони тресги рақами 12 ва дигар мутахассисон фаъолона иштирок намудаанд.

Намуди берунаи он ҳақиқатан нафис аст. Устоёни чӯбкор аз Самарқанд, Қӯқанд, Тошканд дар ин ҷо меҳнати зарбдорона ва эҷодкорона карда, мактаби ба худ хоси ин намуди санъатро ба вуҷуд овардаанд. Сутунҳо, деворҳо бо нақшҳои аз ҳамдигар зебо оро додаанд.

Анъанаи меъморӣ дар бобати бо ранг оро додани шифти бино халалдор гардидааст. Шифти бино бо чӯбҳои нақшинкор оро дода шудааст, ки ба он ҳусни навро зам намудааст. Аз тамошои осорхона сер намешавед ва филфавр пай мебаред, ки онро моҳирони касби худ—бинокорон, муҳандисон, устоён сохтаанд. Ва ҳамагон ба маҳорати баланди устоён аҳсант хонданд.

Нигораҳои осорхона ҳам хеле боянд ва давраҳои қатағонро марҳила ба марҳила дар бар гирифтаанд. Агар мухтасар баён кунем, нигораҳо аз давраи мустамликадории Русияи подшоҳӣ то ба даст омадани истиқлолро дар бар гирифтаанд. Дар он маълумотҳои пурқиматро аз воқеаҳои машъуми забт намудани Осиёи Миёна аз тарафи салтанати Россия ва ҷунбиши озодихоҳонаи халқамон барои озодӣ ва истиқлоли Ватан пайдо кардан мумкин аст. Тавассути суратҳо, ҳуҷҷатҳо, асбобҳои аёнӣ аз саҳифаҳои душвори фоҷиабори таърихамон тамошогарон бохабар мегарданд. Масалан, дар ин ҷо мошинкаи хатнависӣ гузошта шудааст, ки он мансуби нависандаи ӯзбек Шокир Сулаймонов мебошад, ки ҳамчун «душмани халқ» кушта шудааст. Дар хусуси Мақсуд Шайхзода, Саид Аҳмад ва дигар қатағоншудагон ҳам маълумотҳои дахлдорро ҷамъ овардаанд.

Осорхонаро аз назар гузаронда аз хаёл чунин фикр гузашт: баробари ба ёд овардани симоҳои бузурге, ки дар давраи истибдод қурбони қатағон гаштаанд, мо авлоди миннатдор, ки аз неъмати истиқлол баҳра мебардорем, кори некро ба вуҷуд меоварем. Рӯҳи онҳоро шод мегардонем. Дар назди хотираи халқамон, ки дар роҳи озодии хеш қурбониёни зиёдеро додааст, дар муборизаҳои пурмашаққат саботу матонат зоҳир намудааст, ҳамеша сари таъзим фуруд меоварем ва хуб медонем, ки дарахт бе реша ва ҳаёт бидуни хотира буда наметавонад. Ва он амри хайрест дар бобати барқарор мондани адолати таърихӣ, пос доштани хотираи неки аҷдодон ва ҳам эътибор ба ҳамзамонон, бузургон, ба падару модаронамон. Агар имрӯз мо ёди гузаштагон ва эҳтироми калонсолон кунем, фардо моро низ бо эҳтиром ба ёд меоваранд, қадр мекунанд. Аз ҳама муҳимаш, ҷамъият дар ҷараёни ҳамин гуна корҳои хайру савоб аз бисёр иллатҳои нопок ва ғашиҳо тоза мегардад.

**Т.ЭҲСОН.**

# Самтҳои асосии амиқ гардондани бозсозиҳои демократӣ ва ташаккул додани асоси ҷамъияти шаҳрвандӣ дар Ӯзбекистон

Депутатҳои мӯҳтарам!

Имрӯз ман мехостам ба масъалаҳои вобаста ба ислоҳоти Қувваҳои Мусаллаҳ муфассал истода гузарам. Яке аз масъалаҳои умдаи сохтмони ояндаи Ӯзбекистони навин ин ба вуҷуд овардани чунин Қувваҳои Мусаллаҳ мебошад, ки аз нигоҳи миқдор—камшумор, зудамал, бо яроқу аслиҳа ва техникаи замонавӣ муҷаҳҳаз бошад, ба талаботи замони ҳозира ҷавобгӯ бояд бошад, ба муҳофизати сарҳадот ва яклухтии ҳудуди мамлакатамон қодир буда, сулҳу оромии халқамонро таъмин намояд.

Аз ҳеҷ кас набояд пӯшида бошад, ки ислоҳот оиди таъсиси артияи амалан нави касбӣ чанд сол боз дар маркази диққати мо қарор дорад.

Мақсади асосии мо ташкили ҳақиқатан ҳам Қувваҳои Мусаллаҳи касбӣ мебошад, ки дар он хизмат намудани низомиён татбиқи донишҳои касбӣ ва таҷрибаҳои онҳо ба ҳаёт бояд бошад ва ин, барои мутахассиси агроном дар хоҷагии қишлоқ, барои инженер, дар саноат ва сохтмон бояд амалӣ гардад. Ҳақиқатан, инро бояд гуфт, ки хизмати аскарӣ аз одам, нисбати дигар касбу кор мардонагӣ, матонат ва ҷонфидоиро тақозо менамояд; талаб менамояд, ки ба қасамёд дар назди Ватан содиқ бимонад.

**Хизмат дар артиш барои ҳар як ҷавонмард, барои ҳар як шаҳрванди мамлакати мо на фақат иҷрои қарзи Конститутсионӣ, инчунин бояд кори боифтихор, бошуур, интихоби ҳақиқии ҷои худ дар ҷамъият, дар ҳаёт бошад.** Ва, мутобиқ ба ин, ки ин хизмат то дараҷае душвор ва хатарнок, дар баробари ҳамин, вай барои давлат ва ҷомеа пурмасъулият ва зарур аст, мутобиқан, мукофоти иҷрои ин амал бояд пурарзиш, аз тафохур ва эътибор бояд саршор бошад. Мақсади асосӣ ва моҳияти сиёсати давлати худро дар соҳаи сохтори ҳарбӣ мо дар ҳамин мебинем.

Мо артишеро бояд ба вуҷуд оварем, ки мувофиқи таҷрибаҳои мамлакатҳои пешрафтаи дунё дар асосҳои қарордодӣ, яъне дар асоси шартномаи ҳар як хизматчии ҳарбӣ бо давлат таъсис меёбанд. Дар шартнома, аз як тараф, возеҳу равшан бояд ҳама шарту шароитҳои хизмат, маош, пешомадҳои камолоти хидматии низомиён, муҳофизати иҷтимоии оилаҳои онҳо ва дигар шароитҳо зикр ёбад, аз тарафи дигар, он ӯҳдадориҳое, ки дар назди Ватан ҳар як фарди низомӣ, сарфи назар аз унвон ва лавозимаш, мегирад, зикр меёбанд. Албатта, ба сабабҳои маълум, дар борам он вазифаҳое, ки дар ҷараёни ислоҳоти Қувваҳои Мусаллаҳ ҳал шуда истодаанд, ё ҳаллу фасл мешаванд, муфассал гуфта наметавонам.

Бо вуҷуд, қайд намудан ҷоиз, ки дар 3-4 соли охир дар соҳаи азнавсозии Қувваҳои Мусаллаҳ, мувофиқи доктринаи Мудофиа, ки ба худ ҷузъу томҳои Вазорати мудофиа, қӯшунҳои сарҳадӣ, подразделенияҳои махсуси ВКД ва УАМ ташкилотҳои ҳарбии дигар соҳаҳоро дар бар мегиранд, корҳои васеъ ва пураҳамияти ба як мақсад равонагардида ба сомон расонда шуданд.

Ислоҳоти Қувваҳои Мусаллаҳи мо бо дар назардошти ташхису хулосаҳое, ки аз ҳодисаҳои замон, таҳдидҳо ба бехатарии мамлакат бармеоянд, аз характер ва хосиятҳои амалиётҳои ҷангие, ки имкон дорад, зуҳур намояд, ҳамчунон бо дарназардошти хусусиятҳои амалиёти низомӣ дар театри амалиёти ҳарбӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ сурат мегиранд.

Ба мақсади гузаронидани сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи мудофиа ва сохтори низомӣ, таъмини назорати муфид аз болои Қувваҳои Мусаллаҳ, дар натиҷаи омӯзиши чуқури таҷрибаҳои давлатҳои демократӣ дар ин соҳа вазифаҳо ва функсияҳои Вазорати мудофиа ва дигар сохтори қудратии ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Ба шумо маълум, ки ду сол ин ҷониб вазифаи вазири мудофиаи кишварро шахси мулкӣ дар ӯҳда дорад. Системаи нави ягонаи идоракунии қӯшунҳои дар ҳудуди мамлакат ҷойгирифта сарфи назар аз мансубияти он ба кадом ташкилот, ҷорӣ гардидааст. Штаби ягонаи Қувваҳои Мусаллаҳ, ки органи ягонаи фармондеҳи оиди кор карда баромадан ва дар амал ҷорӣ намудани амру фармонҳо марбут ба муҳофизати ҳарбии истиқлолият ва бутунии ҳудудҳои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон таъсис ёфтааст.

Ҳамкории наздик ва системаи муфиди идоракунии ҳама намудҳои қӯшунҳо таъмин мешаванд, системаи таъминоти амнияти мамлакат такмил меёбанд, ки ин имкон медиҳад, сатҳи зарурии қобилияти мудофиавии давлатро бо сарфи қобили мулоҳизаи ками омилҳои моддӣ ва молӣ таъмин медорад. Бо назардошти хусусиятҳои ҳудудӣ, хосияти амалиётҳои ҳарбии имконпазир дар ҷанги замонавӣ ва ба мақсади таъмини амнияту мудофиаи боварибахши бутунии ҳудудҳои мамлакат дар самтҳои муҳимтарини амалиёти округҳои ҳарбӣ дар асосҳои воҳидҳои ҳарбӣ-маъмурӣ ба вуҷуд оварда шудаанд. Структураи (сохтори) ба тамом нави ташкилоти Қувваҳои Мусаллаҳ ҷорӣ мешаванд, сохторҳои ташкилӣ-лавозимӣ аз нав дида баромада шуданд, подразделенияҳои ибтидоии ҷангӣ ва вазифаю мақсадҳои он мушаххас мегарданд, аз рӯи таҷрибаҳои мамлакатҳои пешрафта подразделенияҳои махсуси амалиётӣ ташаккул меёбанд.

Шаклҳои тамоман нави тайёр намудани хизматчиёни ҳарбӣ-мактабҳои тайёр намудани сержантҳо, марказҳои тайёрӣ, бо истифодаи технологияи компютерӣ, усулҳои мудел намудан ва симулятсия, дигар шаклҳои муосири таълим ҷорӣ мешаванд.

Дар охири охирон мо модели худии сохтори Қувваҳои Мусаллаҳро ба вуҷуд овардем ва онро дар амал ҷорӣ менамоем, ки дар натиҷа, рол ва мавқеи вай дар системаи сохтори давлатӣ ва таъмини амнияти ҳудуд ва сарҳадоти кишвар тағир меёбад.

Дар натиҷаи ин, муносибати одамон ба Қувваҳои Мусаллаҳ таври чашмгир тағир меёбад. Дар тафаккури ҷомеа он беш аз пеш ба кулли, халқӣ ном гирифта, аз қисматҳои таркибии давлати миллӣ ва мустақил, чун рамзи ифтихори умумии мо дониста мешавад.

Ба фикрам ҳоҷат ба он нест, ки мо исбот намуда гӯем, ки ислоҳоту ташаккули артиши сифатан нав-ин якбора сурат намегирад. Ҷараёни ислоҳоти Қувваҳои Мусаллаҳи мо масъала ва муаммоҳои навро пеш мегузоранд. Онҳоро ҳал бояд кард. Ба баъзе аз онҳо ман мехостам таваққуф намоям.

**Якум.** Хизмати қарордодӣ худ аз худ дар назди мо суол пайдо мекунад. Аз ҷумла: қарордодиҳо аз киҳо иборатанд? Ҷавоб— маълум. Аз онҳое, ки хизмати аскариро хатм кардаанд, тайёрии ҳарбӣ гирифтаанд, образ дода, гӯем, аз ҳисоби онҳоеанд, ки аллакай «бӯи борутро» дидаанд. Ҳақиқатан ҳам дар ҳама армияҳои касбӣ, ки дар асосҳои қарордодӣ ба амал омадаанд, шартнома бо онҳое баста мешавад, ки соҳиби маълумоти тайёрии ҳарбианд, мутахассисони тайёри касби ҳарбӣ мебошанд. Мухтасар гӯем, контингенти аз тайёрии ҳарбӣ гузашта, ин ҳамон базаест, ки дар асоси он ҳар як армияи касбӣ созмон меёбад.

**Агар бар замми он, ба ҳисоб гирем, ки ба милиса, органҳои муҳофизати ҳуқуқ имрӯз, таври одат, онҳоеро ба хизмат мепазиранд, ки мактаби ҳарбиро гузаштаанд, ин боз масъалаи зарурати мавҷудияти контингенти қобили қабулро ба миён мегузорад, ки тарбияи ҳарбиро гузаштаанд.** Дар баробари ҳамин аз аҳамият холӣ нест, ки зарурати захираи мавриди ниёзро дар ҳолатҳои тезу тунд шудани вазъият дар сарҳадҳо ва минтақа ба эътибор гирем.

Масъалаи зарурати соҳиб будан ба контингенти аз тайёрии ҳарбӣ гузашта ва таълимоти низомӣ дида аҳамияти махсус касб менамояд.

**Масъалаи дигари муҳим.** Ба шумо маълум, ки контингенти баном даъватшаванда, онҳое, ки аз рӯи вазъи саломатиашон ё дигар сифатҳо қобили даъват ба хизмати аскарианд, гуфтан мумкин хеле зиёд, 3-4 маротиба бештар аз шумораи он ҷавононе, ки ҳамасола (соле ду бор) ба хизмати ҳарбӣ даъват мешаванд.

Ин ҷо аз ҳеҷ кас пӯшида нест, ки ба субективизм муҳит фароҳам оварда мешавад, аниқтар гӯем, барои вайрон кардани қонун шароит ба миён меояд.

Хулоса, вазъияте ба миён меояд, ки сардорони шӯъбаҳои ноҳиявии корҳои мудофиа ва комиссияҳои даъватӣ дар ҳоле қарор меёбанд, ки тақдири даъватшаванда дар дасти онҳост, фақат онҳо метавонанд ҳал кунанд, ки киро даъват кунанду киро аз хизмат мавқуф мононанд, одатан шароити харида гирифтан ба миён меояд.

Тавре ки натиҷаҳои санҷиши махсуси ба қарибӣ оиди ташкили хизмати алтернативӣ ва ҷараёни сипарӣ шудани он гузаронида шуд, дар ҷойҳо маълум шуданд, ки дар ин соҳа камбудиҳои калони вайрон кардани қонуни дар амалбуда ҷой доранд.

Қариб аз се як ҳиссаи даъватшудагони хизмати алтернативӣ, ки тирамоҳи соли 2002 аз вилоятҳои Фарғона, Андиҷон, Самарқанд, Қашқадарё, Хоразм ва шаҳри Тошканд батамом сиҳҳату саломат будаанд, ки комиссия ба ин шаҳодат додааст, баъдтар, ҳангоми даъват, онҳоро ғайриқонунӣ сиҳҳатиашон маҳдуд гуфта, ба хизмати алтернативӣ гузаронидаанд.

Он ҳодисаҳое ҳам кам нестанд, ки аз тарафи даъватшавандагон ҳуҷҷатҳои қалбакӣ пешниҳод мешаванд, ки ҳуқуқи хизмати алтернативиро ба онҳо медиҳанд. Бисёр фактҳое низ мавҷуданд, ки ҷавонон расман дар рӯи коғаз дар хизмати алтернативии корхонаю ташкилотҳое мебошанд, ки дар он бояд хизмат намоянд, ба шӯъбаҳои хизмати алтернативии Вазорати Мудофиа справкаҳои қалбакӣ пешниҳод менамоянд.

Чунин вазъи кор моро ӯҳдадор менамояд, ки системаи хизмати алтернативиро ба куллӣ аз нав дида бароем, қарорҳои қатъӣ оиди куллан аз байн бурдани ин камбудиҳои дар соҳаи даъват ба хизмати ҳарбиро аз байн бубарем. Лозим аст, ки бори дигар ба қонуни дар соли 1992 қабулгардида «Дар бораи ӯҳдадориҳои умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» ва «Дар бораи хизмати алтернативӣ» таҷдиди назар намоем ва онро куллан дида бароем. Бояд чунин система ва чунин механизми даъвати аскариро ба вуҷуд оварем, ки қабл аз ҳама, ҳар гуна қонуншиканиро аз байн бибарад.

Дар бораи зарурати тағйир додани системаи даъват, гузаштани хизмат таҷрибаи давлатҳои пешрафта қобили таваҷҷӯҳ аст, бо диққат онҳоро ташхис намуда, тарзи беҳтарину пешқадам ва қобили қабулашро бояд интихоб намоем. Аммо имрӯз, аз ин минбар истифода намуда, мехостам, ки эътибори шуморо ба як ҷиҳати муҳими ин ислоҳоти дар соҳаи Қувваҳои Мусаллаҳ пешбинишуда нигаронам—чӣ бояд кард, ки хизмат дар артиш ҳақиқатан ҳам кори ифтихорӣ гардад, чӣ бояд кард, ки аз хизмати аскарӣ сар напечонанд, баръакс кӯшиш намоянд, ки ба он ҷалб шаванд. Чӣ бояд кард, ки ба хизмати аскарӣ ҷавононе даъват карда шаванд, ки ба ин хизмат муносибанд, чунинҳоро бояд интихоб намуд.

Барои муваффақ шудан ба ин мақсад ман пешниҳод мекунам, ки мӯҳлати хизмати аскарӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳ аз 18 ба 12 моҳ фароварда шавад.

Мехоҳам далелҳои аз ҳама муҳимтаринро дар ин бобат пешниҳод намоям.

**Далели аввал.** Тавре ки таҷрибаҳои давлатҳои пешқадам нишон медиҳанд 12 моҳ барои як ҷавонмард ба куллӣ кифоя аст, ки дониши зарурӣро: дар тайёриҳои зимистона, баҳорина ва тирамоҳӣ ба даст оварда, таҷрибаҳои муомила намудан бо яроқу аслиҳаи замонавиро ба даст орад, аз гузаронидани амалиёти ҷангӣ бохабар гардад. Аз ҳама муҳимаш ин аст, ки дар ин муддат ӯ метавонад таълими низомӣ гирифта, таҷриба андӯзад. Ин муддат ба куллӣ кифоя аст, ки намунаи онро мо дар чунин мамлакатҳо, ба мисли Олмон, Дания, Испания, Норвегия, Полша, Австрия мебинем, дар ин кишварҳо инчунин хизмати ҳарбӣ аз 12 моҳ зиёд нест.

**Далели дуюм**. 12 моҳ ин 18 моҳ нест, ин бисёр маънӣ дорад. Вақте ки писар баъди якуним сол аз хизмати ҳарбӣ бармегардад, як масъала аст, масъалаи дигар ин ки ӯ баъди як сол ба хона баргардад. Худ аз худ маълум, ки дар чунин шароит ҷавонмард бо кӯшиш ва хоҳиши худ ба хизмати аскарӣ меравад. Ин хеле муҳим аст.

**Далели сеюм.** Мӯҳлати нав, нисбатан кӯтоҳи хизмати аскарӣ батамом кифоя аст, ки ҷавонмард барои интихоб намудани роҳи ҳаёти худ ба хулосае ояд, касберо интихоб намояд, ки дар он худро ба таври комил зуҳур созад: хоҳ хизмати мулкӣ ва хоҳ хизмати низомӣ.

**Далели чорум.** Он омил низ аҳамияти муҳим дорад, ки бо кам шудани мӯҳлати хизмати аскарӣ фарқи байни мафҳуми «кӯҳнахизмат» ва «навомада» аз байн меравад. Муносибатҳои бештар солим ва дуруст дар коллективи аскарон барқарор мегардад.

**Боз як масъала**—хизмати алтернативӣ.Худи ҳаёт тақозо дорад, ки имрӯз хизмати алтернативӣ аз нав дида шавад. Ба ҳар сурат, ба он шакле, ки ин хизмат имрӯз дар ҳаёт ҷой дорад, худро сафед накард. Инро эътироф бояд кард.

Ба ҳамин муносибат ташкили комиссияи махсус аз ҳисоби экспертҳои ҳарбӣ ва мулкӣ зарур аст, ки онҳо Консепсияи нави даъват ба Қувваҳои Мусаллаҳ, гузаштани хизмати аскариро кор карда бароянд.

Дар ин консепсия зарур аст, ки дар навбати аввал масъалаи дар мамлакатҳои дигар ҳал шудани масъалаҳои дар боло зикршуда ба эътибор бояд гирифта шавад, зеро таҷрибае ба мо лозим аст, ки вай намуна бошад.

Бояд фикру мулоҳизаҳои он ветеранҳое, ки дар давраҳои душвортарини таърихи мо дар Қувваҳои Мусаллаҳ хизмат намуда, таҷрибаи калони қумондонӣ ва аскарӣ доранд, бояд ба эътибор гирифта шаванд.

Бояд ҳамчунин пешниҳодоти он писарони мо низ ба эътибор гирифта шаванд, ки акнун ба наздикӣ хизмати аскариро хатм кардаанд ва ё ҳанӯз дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ӯзбекистон давраи хизматро мегузаронанд.

Ҳамзамон бо ин ба ин комиссия бояд супурда шавад, ки консепсияи дар Ӯзбекистон ҷорӣ намудани институтҳои резервистони (дар захира будагони) Қувваҳои Мусаллаҳ низ кор карда баромада шаванд.

Дар консепсия дар асоси чуқур омӯхтани таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта, ки хизмати резервистон муфид истифода мешаванд, бояд мақом, вазифа, принсипҳои ташаккулу ҷамъбандии резервистон, механизмҳо ва истифодаи босамараи онҳо дар соҳаи мудофиаи мамлакат чӣ дар давраи осоишта ва чӣ дар давраи ҷанг бояд муайян гарданд.

Ин консепсияҳо бояд ки хеле чуқур кор карда баромада шаванд ва ҳангоми дида баромадани қонунҳои қабулгардида ҳамчун асос хизмат намоянд. Ҳамчунин дар мавриди қабули лоиҳаҳои нави қонуни марбут ба хизмати аскарӣ низ он чун асос бояд хизмат намояд.

Фикр мекунам, ки ҳамаи инро мумкин ва зарур аст, ки дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин ба амал барорем.

Ҳамватанони мӯҳтарам!

Мехостам бори дигар такрор намоям. Дар мӯҳлати нисбатан кӯтоҳи гузаштаи давраи тараққиёти Ӯзбекистони соҳибистиқлол мо роҳи оддиро аз сар нагузарондем, ин роҳи мо имтиҳони ҷиддие буд, мураккаб, вале давраи пуршарафест дар таърихи бисёрасринаи мо.

**Аз ҳама муҳимаш, аз ҳама асосиаш ҳамин, ки халқи мо ба тамоми ҷаҳониён исбот карда тавонист, ки вай матонат ва сабру бардошт, заковат ва қалби кушод дорад, меҳнатдӯст мебошад ва имкониятҳои калони созандагӣ дорад. Пеш аз ҳама, ба қобилияти худ, қувваи худ, дониши худ такя намуда, сӯи мақсадҳои пешгузоштааш пеш меравад.**

Дар пеш вазифаҳои нав истодаанд.

Он вазифаҳои муҳим, принсип ва самтҳое, ки дар бораашон қаблан сухан рафт, ва дар ин хусус рӯирост гӯем, ин ҳама барои ҷамъияти мо ва халқи мо гапи нав намебошад. Ҳамаи ин изҳори дар як система зикрёфта, барномаи муттаҳидсохта ва баҳам марбути мақсад ва вазифаҳоеанд, ки дар ҳаёт татбиқ кардани ҳамаи онро мантиқ ва ислоҳоти бозорие, ки аз рӯзҳои аввали истиқлолият дар мамлакати мо ба ҳаёт татбиқ мешаванд,тақозо доранд.

Ин моҳиятан барномаи ҳамаҷиҳата фикр кардашуда ва равшанест, ки ба ин роҳи азнавсозӣ ва гул-гулшукуфӣ Ӯзбекистон пеш меравад.

Аз имконият истифода намуда, ман мехостам эътибори шуморо ба ин чиз ҷалб намоям.

Он чи ки мо имрӯз месозем—ҳаёти нав, ҷамъияти нав, инро мо қабл аз ҳама барои худамон ва барои фарзандони худ, барои онҳое, ки корҳои мо шурӯъ намударо давом медиҳанд, месозем.

Бе ҳеҷ шакку шубҳа, бо баэътибор гирифтани он хоҳиш ва боварӣ, ки мо ба насли оянда дорем, ҳар яки мо мехостем ва ман ба ин мӯътақидам, ки фарзандони мо бо ҳамин хел фахру ифтихор дар бораи мо, дар бораи падару модаронашон ҳарф хоҳанд зад. Пас, биёед ба ҳамин муносиб кор кунем, ҳамаи он корҳоеро ба сомон расонем, ки фарзандони мо моро бо ифтихор ба забон гиранд.

Аз самими қалб мехоҳам ҳамаи шуморо ба муносибати 11-солагии истиқлолияти Ӯзбекистон табрик намоям.

Ба ҳамаи шумо саломатии қавӣ, дар корҳоятон муваффақият, дар хонадонатон серию пурӣ орзу мекунам.

# Мактуби якдилӣ

**Ба унвони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов мактуб аз мири шаҳри Ню- Йорк Майкл Блумберг бо хоҳиши иштирок намудан ба тадбирҳо бахшида ба яксолагии амалиёти террористии 11 сентябри солии 2001 расид. Дар рафти маросими ёдбуд, ки оғози он ба 11 сентябри соли кунун таъин гардидааст, мири Ню-Йорк дар ҳузури меҳмонон ва пайвандони қурбониёни фоҷиа Оташи абадиро дар маҳали собиқ Маркази умумиҷаҳонии тиҷоратӣ фурӯзон мегардонад.**

Ба ҳамин муносибат Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов мактубро ба унвони мири шаҳри Ню-Йорк Блумберг ирсол намуд.

**Ба мӯҳтарам Майкл Блумберг-**
**мири шаҳри Ню-Йорк.**

Мӯҳтарам ҷаноби Блумберг,

ба шумо барои таклифатон дар бобати иштирок дар маросими ёдбуд бахшида ба яксолагии воқеаҳои фоҷиабори 11 сентябри соли 2001 миннатдории самимонаи худро баён мекунам.

Ва санаи мазкур ба таърихи инсоният ҳамчун «рӯзи сиёҳ», рӯзи таҷовузи даҳшатноки қувваҳои бад бар зидди тамоми инсонияти сулҳдӯсти саросари Замин ворид гардид.

Мо барои фаромӯш кардани қурбониёни ин амалиёт ҳақ надорем ва бояд тамоми корро ба ҷо оварем, то ки ҳифзи ҳаёти осудаҳолона ва амнияти одамон, боварии онҳоро ба рӯзи оянда боэътимод таъмин созем.

Оташи абадие,ки шумо бегоҳии 11 сентябр фурӯзон мегардонед, рамзи хотираи ҳазорон одамони бегуноҳе мегардад, ки як сол муқаддам дар Ню-Йорк ва Вашингтон фавтидаанд, рамзи қатъияти рӯҳ ва азму иродаи шикастнопазири халқи Амрико мегардад.

Ба фикрам, маросими мазкур ва Оташи абадӣ ҳамчун рамзи муттаҳидии бемаҳдуд ва ҳамкории давлатҳо ва халқҳо дар кори мубориза ба муқобили решакан кардани терроризм, қарор ёфтани тартиби бехавфии дунё мегардад, ки асоси онро сабру таҳаммули байниҳамдигарӣ ва саъю кӯшиш ба сӯи пешрафт ташкил медиҳад.

Муҳтарам, ҷаноби мир,мутаассифона, тадбири корам ба ман имконият намедиҳад дар ин тадбири муҳим иштирок кунам. Вале бо дилпурӣ дар ин бобат ҳарф задан мумкин аст, ки дар рӯз ва айёми гузарондани маросими ёдбуд халқи Ӯзбекистон ва шахсан ман фикран ва қалбан якҷоя бо Шумоён, сокинони пурҷасорати Ню-Йорк ва тамоми халқи Амрико мебошем.

Аз маврид истифода бурда, ба Шумо, ҷаноби Блумберг тандурустӣ ва комёбиҳоро дар фаъолиятатон, ба тамоми ню-йоркиён хотирҷамъӣ, сулҳу осоиш ва фаровониро таманно дорам.

**Бо камоли эҳтиром Ислом КАРИМОВ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон.**

## Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

# Дар бораи тадбирҳо оид ба рағбатноксозии минбаъдаи рушди низоми лизингӣ

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи лизинг» ва ба мақсади баланд бардоштани нақши фаъолияти лизингӣ дар муҷаҳҳазонидани соҳаҳои иқтисодиёт, махсусан соҳибкории хурду миёна, бо таҷҳизоти замонавии технологӣ, ҳамчунин фурӯши таҷҳизот ва техникаи истеҳсолоти худии истеҳсолгарони ватанӣ:

1. Аз 1 сентябри соли 2002 озод карда шаванд:

пардохтҳои лизингӣ—аз андоз ба арзиши иловагӣ;

таҷҳизоти технологие, ки ба ҳудуди Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ҳамчун лизинг дода мешаванд—аз боҷу андози гумрукӣ барои арзиши иловагӣ ҳангоми аз тарафи бонки ваколатдор тасдиқ кардан бо ҳуҷҷати дахлдор.

2. Аз 1 сентябри соли 2002 муқаррар карда шавад:

субектҳои хоҷагидорӣ-лизингирандагон аз додани андоз ба амволе озод карда мешаванд, ки ба лизинг ба мӯҳлати арзи амали шартномаи лизинг дода мешаванд;

ҳангоми андозситонӣ аз лизингдиҳанда аз даромади умумии он миқдори фоиз ва дигар пардохтҳои муқарраргардидаи вом соқит карда мешавад, ки барои ихтиёрдорӣ кардани амвол ба мақсади додани лизинг онҳо мегиранд.

3. Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки дар бадали як моҳ:

якҷоя бо Кумитаи давлатии гумрук, Кумитаи давлатии андоз ва Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба Девони Вазирон таклифро дар бораи тағйиротҳо ва иловаҳо ба қонунгузории ҷорӣ пешкаш кунанд, ки аз Фармони мазкур бармеояд;

бо ризомандии Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон таклифро оид ба тартиби кашида гирифтани обекти лизинг аз лизингдиҳанда ба лизинггиранда дар мавриди халалдор шудани ӯҳдадориҳои лизинггиранда аз рӯи шартномаи лизинг таҳия созад ва ба Девони Вазирон пешкаш намояд.

4. Ба Вазорати молия, Кумитаи давлатии андоз, Кумитаи давлатии гумруки Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки дар бадали як ҳафта мувофиқи тартиби муқарраргардида ба санадҳои мавҷудаи меъёрӣ тағйироту иловаҳоро дароранд, ки аз Фармони мазкур бармеояд.

5. Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Р.Азимов гузошта шавад.

6. Фармони мазкур дар матбуот чоп карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**
**И.КАРИМОВ.**

шаҳри Тошканд, 28 августи соли 2002.

# Навгониҳои Тоҷикистон

## Тоҷикистон тарафдори ризомандгардонии матн

Тоҷикистон аз худи аввал дар раванди дар Осиёи Марказӣ ба вуҷуд овардани минтақаи аз силоҳи ядроӣ орӣ фаъолона иштирок дорад. Дар ин бора Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар рафти мулоқот ба ҷонишини Сармуншии СММ оид ба яроқпартоӣ Ҷанаятха Дханапал хабар дод. Чуноне ки котиби матбуоти Президенти Тоҷикистон Зафар Саидов хабар дод, Эмомалӣ Раҳмонов фикри худро дар бобати тезтар ризоманд гардондани матни Шартномаи созмон додани минтақаи аз силоҳи ядроӣ орӣ дар Осиёи Марказӣ баён кардааст. Вай зикр намудааст, ки «Барномаи СММ «Рушд—бар ивази силоҳпартоӣ» барои Афғонистон аҳамияти калон дораду маҳаки муҳим дар бобати таъмини сулҳу осоиштагӣ дар мамлакати мазкур мебошад».

Э.Раҳмонов роҳбарияти СММ-ро даъват намудааст, ки нақши мутобиқгарии худро оид ба тамоми ҷиҳатҳои раванди сулҳхоҳона дар Афғонистон баланд бардошта, ҳам соҳаи ҳарбиву сиёсӣ, ҳам иҷтимоиву иқтисодии онро фаро гирад. Зеро онҳо ба ҳам узван пайваст мебошанд.

Президенти Тоҷикистон нуқтаи назари худро дар бобати зарурати вусъат додани мандати қувваҳои байналхалқии сулҳовар дар тамоми минтақаҳои Афғонистон зикр намудааст. Зикр ёфтааст, ки Тоҷикистон ӯҳдадории худро аз рӯи ҳуҷҷати Венагии ТАҲА аз соли 1999 дар бобати таҳкими тадбирҳои эътимод ва амният ва дигар ҳуҷҷати ТАҲА оиди муовизаи иттилоот дар бобати силоҳи сабуки оташфишон пурра иҷро мекунад. Э.Раҳмонов изҳор намуд, ки ба ҳамкорӣ бо СММ оид ба тамоми самтҳои муаммоҳои силоҳпартоӣ ва ҳамкории зич бо Маркази минтақавӣ оид ба силоҳпартоӣ дар Осиё ва Минтақаи уқёнуси Ором тайёр аст. Ҷонибҳо дар ин бобат изҳори боварӣ карданд, ки ҳамкорӣ байни Ҷумҳурияти Тоҷикистон ва СММ самтҳои навро пайдо карда, ба талабҳои замон ҷавобгӯ мегардад.

## Консепсияи рушд

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов Консепсияи рушди соҳаҳои маҷмӯи сӯзишвориву энергетикии Тоҷикистонро ба давраи солҳои 2003-2005 тасдиқ намуд. Чуноне ки котиби матбуоти сарвари давлат Зафар Саидов баён кард, мақсади асосии консепсияи мазкур—таъмини мустақилияти сӯзишвориву энергетии мамлакат мебошаду қисми муҳими бехавфии иқтисодии мамлакат ба ҳисоб меравад. Тоҷикистон соҳиби захираҳои калони сӯзишвориву энергетикӣ мебошад. 53 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказӣ дар ҷумҳурият ҳосил мегарданд, дар сохтори сӯзишвориву энергетикӣ мувозанаи захираҳои энергетикӣ 90 фоизро ташкил медиҳад. Захираҳои умумии нерӯӣ соле 527 миллиард киловатт-соатро ташкил медиҳад. Дараҷаи замонавии истеҳсоли энергияи барқ 6,5 фоизи нерӯи гидроэнергетикии аз нигоҳи техникӣ мусоидро ташкил медиҳад. Захираҳои нафт, газ ва конденсати гази муоинагардида 1033 миллион тонна сӯзишвории шартиро ташкил медиҳад. Барои вусъат додани ҳаҷми истеҳсоли нафт, газ маблағҳои зиёд лозиманд. Захираҳои пешгӯишудаи ангишт 4-5 миллиард тонна аст. Ҳол он ки дар ҷумҳурият соли 2001 ҳамагӣ 25 ҳазор тонна ангишт истихроҷ гардидааст. Захираҳои сӯзишворӣ амалан дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурият ҳастанд.

Бисёр конҳо дар маҳалҳои душворгузари кӯҳӣ ҷойгиранд. Аз бӯҳрон баровардани маҷмӯи сӯзишвориву энергетикии Тоҷикистон бо роҳи аз инҳисорот халос шудан ва аз нав сохтани корхонаҳои соҳаи сӯзишворӣ, амалӣ гардондани сиёсати сармоягузории Тоҷикистон оид ба рушди соҳаҳои номбаршудаи маҷмӯъ амалӣ гардонда мешавад. Баробари ин заминаи меъёриву ҳуқуқӣ ба мақсади таъмину танзими ҳамкории байналхалқии ба ҳамдигар муфид такмил дода мешавад. Консепсияи мазкур баъди ба амал баровардани сиёсати давлатӣ дар соҳаи энергетикӣ ба роҳбарӣ гирифта шуда, то 1 январи соли 2004 дар пойгоҳи нуктаҳои он барномаи томи панҷсолаи рушди соҳа таҳия мегардад.

## Истгоҳи нави обуҳавосанҷӣ

То охири соли кунун дар доираи лоиҳаи минтақавии «Такмил додани захираҳои обии Осиёи Марказӣ», ки Оҷонсии Амрико оид ба рушди байналхалқӣ бо маблағ таъмин мекунад, аз тарафи ташкилоти мазкур ройгон ба Тоҷикистон чанд маҷмӯи таҷҳизоти замонавӣ барои ҷиҳозонидани шаш истгоҳи обуҳавосанҷӣ пешкаш карда мешавад. Дар ин бора дар Сарраёсати обуҳавосанҷии Тоҷикистон хабар доданд. Бо асбобу ускуна пурра таъмин кардани як истгоҳ 20 ҳазор доллар арзиш дорад. Пешбинӣ гардидааст, ки истгоҳҳои нави обуҳавосанҷӣ дар ағбаҳои Анзобу Шаҳристон, ноҳияҳои Тоҷикобод, Данғара, Рӯшон ва Навобод фаъолият мебаранд. Истгоҳҳоро мутахассисони амрикоӣ васл мекунанд, дар бобати омӯхтани асрори ин асбобу ускуна ба мутахассисони маҳаллӣ саҳм мегиранд. Соли 2003 гузоштани истгоҳи обуҳавосанҷӣ ба пиряхи Федченко дар назар дошта шудааст, ки аз соли 1995 боз кор намекунад.

## Дастони тиллоӣ

Мусаввири мардумии Тоҷикистон, барандаи мукофотҳои ҷашнвораҳои байналхалқии эҷодиёти халқӣ Алӣ Яҳёев шастсола шуд. Ба ин сана бахшида маҷлиси мутантан дар Истаравшан ба амал омад. Раиси шаҳр Ҷумъа Зокиров дар суханронии худ зикр намуд, ки фаъолияти усто ҳанӯз солҳои 80-уми садаи гузашта оғоз ёфта буд. Асарҳои нодири санъат, ки бо дастони тиллоии ин марди ҳунарманд офарида мешаванд, ҳамтое надоранд. Онҳо чойхонаи «Истаравшан»-и боғи Дӯстии халқҳои шаҳри Душанберо оро медиҳанд. Портретҳое, ки ӯ аз чӯб бахшида ба Сино, Айнӣ, Турсунзода, Фирдавсӣ ва қаҳрамонҳои «Шоҳнома» тарошидааст, беназиранд. Дарвозаи чӯбкории ансамбли миллии Истаравшан, дарвозаи Осорхонаи таърихиву кишваршиносии шаҳри Панҷакент, бисту як сутуни нақшу нигордори масҷиди Савистони деҳаи Рӯғондаро маҳз ҳамин ҳунарвари номдор офаридааст. Ба ҷуз ин ҳазорон асбобу ускунаи таъиноти рӯзгор аз хонадони ҳазорон одамон ҷои муносиби худро ёфтаанд.

Алӣ Яҳёев иштирокдори бисёр намоишгоҳҳои байналхалқӣ дар Олмон, Швейтсария, Маскав ва дигар шаҳрҳои ҷаҳон мебошад.

**«Туркистон-пресс»—«Вароруд».**



## Хайруллобобои фермер

Миқдори фермерон дар ноҳияи Пайариқи вилояти Самарқанд сол то сол меафзояд. Оқибат, ҳаҷми тайёркунии ғаллаву пахта пайваста вусъат меёбад. Соли кунун дар ноҳия 30 ҳазор тонна ғалла тайёр гардид. Акнун навбат ба пахта расидааст. Аз 12160 гектар ба даст овардани 27 ҳазор тонна пахта пешбинӣ гардидааст.

Хайруллобобо Бердиёров дар хоҷагии ширкатии «Ӯзбекистон»-и ноҳия бо фермерӣ машғул гардида, ба ана ҳамин хирман саҳми муносиби худро гузоштанист.

—Касе, ки меҳнат мекунад, қадру қимат меёбад,—мегӯяд сарвари хоҷагии фермерии «Байроқдор» Хайруллобобо Бердиёрови 75-сола.—Деҳқонӣ дар пойгоҳи фермерӣ ба оилаамон фоидаи калон меоварад. Ба фарзандону наберагон роҳу равиш нишон дода, бо ғаллакориву пахтапарварӣ машғул мегардем. Аз 4 гектар ғаллазорамон имсол 24 тонна ҳосил бардоштем. Дар 5 гектар пахтаи навъи нави «Омад»-ро кошта ҳосили фаровон мерӯёнем.

Хайруллобобо маслиҳатгару дуогӯи аҳли оила аст ва бо меҳнати зарбдоронааш ба ҳамагон намунаи ибрат мегардад.

**Дар сурат: Хайруллобобои** фермер бо ҳамсараш **Тағойгулмомо**.

**Матн ва сурати Тоҳир Норкулов (ӮзА).**

